| | |
|---|---|
| | **ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** |
| | **МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»** |

**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино",
д.и.т., профессор
____________Гулзода М.Қ
«27» 01 с. 2022

# Н И З О М Н О М А И

## Шуъбаи илм ва инноватсияи МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино"

Душанбе – 2022

| | |
|---|---|
| | **ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** |
| | **МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»** |

# МУНДАРИЧА


1. **Муқаррароти умумӣ** ........................................................3
2. **Мақсад ва вазифаҳо** ........................................................3
3. **Вазифаҳо** .......................................................................4
4. **Сохтор ва ташкилот** ........................................................6
5. **Ҳуқуқ ва уҳдадориҳо** .......................................................7
6. **Масъулият** .......................................................................8
7. **Муқаррароти хулосавӣ** ......................................................8
8. **Варақаи мувофиқат** ..........................................................9
9. **Варақаи бақайдгирии тағйиротҳо** ..... ............................10
10. **Варақаи шиносоӣ** ...........................................................11

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

- Шуъбаи илм ва инноватсия (минбаъд Шуъба) сохтори мустақили зертобеи МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" (минбаъд Донишгох) ба ҳисоб меравад.
- Шуъба фаъолияти худро мувофиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи илм ва экспертизаи илмӣ», Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии хуқуқии соҳаи маориф ва илм, Қарорҳои мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон, Ойинномаи Донишгоҳ (минбаъд Донишгох) ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.
- Шуъбаи илм ва инноватсия ба муовини ректор оид ба илм ва нашрия ва Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" ҳисоботдиҳанда мебошад.
- Шуъба ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, Комиссия оид ба экспертизаи маводҳои аввалияи таҳқиқоти илмӣ, шӯрои ҳамоҳангсозӣ, Комиссияи проблемавии байникафедравӣ, Ҷамъияти ихтироъкорон ва ратсионализаторонро ҳамоҳанг менамояд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Шуъба

Мақсади Шуъбаи илм ва инноватсия пешрафт, ҳамоҳангсозӣ ва таҳлили фаъолияти илмӣ ва инноватсионии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" ба ҳисоб меравад. Барои ба мақсад расидан, вазифаҳои зерин пеш гузошта шудаанд:

- Амалинамоии Стратегияҳои миллӣ, барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақша-чорабиниҳои Донишгоҳ, ки ба фаъолияти илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ алоқаманд мебошанд;
- Банақшагирӣ, мувофиқгардонӣ, мутобиқат ва назорати иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ;
- Ҳамкорӣ дар омода кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ-педагогӣ аз ҳисоби омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ;
- Пешрафти илмӣ ва фаъолияти эҷодии олимони ҷавон, донишҷӯён ва ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷалб кардани донишҷӯёни болаёқат ва фаъолон.

## 3. Функсияҳои Шуъба

- Ҳамоҳангсозии иҷрои таҳқиқоти илмӣ, ки дар доираи барномаҳои давлатӣ ҷараён мегирад;
- Расонидани ёрии илмӣ-методиро ҳангоми банақшагирӣ ва иҷрои КИТ таъмин менамояд;
- Дар банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои озмунҳои илмӣ, конференсия, симпозиум, мактабҳои илмӣ, семинарҳо оид ба талаботи илмӣ-техникии диссертатсияҳо, лоиҳаҳои илмӣ иштирок мекунад;

- Рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар Донишгоҳ самти фундаменталӣ ва инноватсионӣ доранд;
- Дар якҷоягӣ бо шуъбаи банақшагирӣ ва молиявии Донишгоҳ дар банақшагирии молиявии КИТ иштирок мекунад;
- Мониторинги иҷрои КИТ-ро амали менамояд;
- Коргузориро оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳ пеш мебарад;
- Баҳисобгирии КИТ-ро дар Донишгоҳ пеш бурда, дар борае натиҷаҳои КИТ ба роҳбарияти Донишгоҳ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои манфиатдор ҳисобот медиҳад;
- Тасдиқ кардани лоиҳаҳои илмӣ барои иҷрои экспертиза, ҳамкориҳои маъмурӣ-техникии КИТ нақшавӣ ва иҷрошуда дар Донишгоҳ, ташкили бақайдгирии лоиҳаҳои илмӣ дар сохторҳои давлатӣ;
- Ҳисоботҳои кориро ба Раёсати омори дар шаҳри Душанбе, ба Марказӣ миллии патенту иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо муассисаҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, амалинамоии лоиҳаҳои якҷояи илмӣ;
- Пешниҳод намудани ахборот оид ба озмунҳо, чорабиниҳои илмӣ, олимпиадаҳо, грантҳои муассисаҳои давлатӣ ва хориҷӣ, ки бо лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ алоқамандӣ доранд.

- Ҳамоҳангсозии фаъолияти Комиссия оид ба экспертизаи маводи аввалияи таҳқиқотҳои илмӣ, Шӯрои ҳамоҳангсозӣ, Комиссияи проблемавии байникафедравӣ, Ҷамъияти ихтироъкорон ва ратсионализаторон;
- Таъминоти иттилоотӣ ва мониторинги фаъолнокии табу нашри кормандони Донишгоҳ;
- Дар банақшагирӣ ва тасдиқи нашри монографияҳо иштирок карда, назорати тартиби баррасии онҳоро ба амал меорад;
- Иҷрои корҳои патентӣ, ратсионализаторӣ ва ихтироъкориро дар Донишгоҳ таъмин намуда, расонидани ёрии методӣ барои пур кардани дархостҳо барои ихтироъкорӣ, таклифоти ратсионализаторӣ;
- Нашри таҳқиқоти илмии олимон, олимони ҷавон ва донишҷӯёнро дар нашриётҳои хориҷӣ, ҷумҳуриявӣ ва конференсияҳо таъмин менамояд;
- Таҳлил ва мувофиққунонии мақолаҳои илмӣ ба талаботи маҷаллаҳо;

## 4. Сохтор ва ташкилоти Шуъба

- Сохтор, шахси масъул ва воҳиди кории Шуъбаро ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис тасдиқ мекунад.
- Таъсис, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Шуъба фармоиши ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” сурат мегирад.
- Сардори Шуъба бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва нашрия бо фармоиши ректор ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад.
- Ҳуҷраи кории кормандони шуъба бояд ба талаботи санитарӣ, талаботи техникии зидди сӯхтор ҷавобгӯ бошад, инчунин барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо шароит муҳаё карда шавад.

## 5. Ҳукуқ ва уҳдадориҳои Шуъба

- Ҳуқуқҳои Шуъба дар шахсияти сардори шуъба мувофиқ ба дастури вазифавии сардор ва кормандони Шуъба амалӣ мешавад.

Сардори шуъба ҳуқуқ дорад:

- Аз сохторҳои зертобеи Донишгоҳ барои татбиқи вазифаҳои Шуъба, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ кардааст, маълумот ва маводҳои заруриро дархост намояд;
- Барои иҷрои талаботи Шуъба, ки бо пешниҳод кардани маълумотҳо алоқамандӣ дорад, мухлат муқаррар намояд;
- Пешниҳодҳои кормандони Шуъбаро, ки ба беҳбуди фаъолияти Шуъба ва такмил додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ алоқамандӣ доранд, ба муовини ректор оид ба илм ва нашрия ирсол менамояд;
- Ҳамкориро ба хотири рушду пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо тамоми зерсохторҳои Донишгоҳ дар амал татбиқ намояд;
- Якҷоя бо мутахассисони шуъба маводҳои меъёрӣ, иттилоотӣ ва методие таҳия намояд, ки ба татбиқи банақшагирӣ, иҷрои КИТ ва дар амалия ворид намудани натиҷаҳо тааллуқ дорад;
- Тибқи фармоиши ректори Донишгоҳ ба мақсади муайян кардани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳайати комиссияи сохтор ва кафедраҳои Донишгоҳ иштирок кардан;

- Ба амал овардани арзёбии экспертии сатҳи иҷрои КИТ ва саҳеҳияти маълумотҳои пешниҳодшаванда аввалия;
- Барои ҳавасмандкунӣ (мукофотҳо) пешниҳод намудани кормандони фаъол ва муҷозоти интизомӣ кормандоне, ки интизоми меҳнатро риоя намекунанд.

Сардори Шуъба уҳдадораст:

- Сари вақт иҷро кардани уҳдадориҳои вазифавӣ, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст;
- Дастуру супоришҳои Раёсати Донишгоҳро дар муҳлати муқарраршуда иҷро мекунад;
- Ҳамеша сатҳи касбии худро бо роҳи омӯзиши санадҳои меъёрии амалкунандаи ҶТ такмил медиҳад;
- Кормандони кафедраҳо ва зерсохторҳои Донишгоҳро дар доираи салоҳияти худ доир ба масоили дахлдори фаъолияти Шуъба машварат медиҳад;
- Таъмини нигоҳдории ҳуҷҷатҳое, ки муваққатан дар нигоҳдории Шуъба аст;

**6. Сардори Шуъба уҳдадораст:**

- Иҷрои саривақтии қарорҳои Шӯрои олимон ва фармоиши ректори Донишгоҳ;
- Таъмини амалишавии нақша, барномаҳое, ки ба Шуъба алоқаманди доранд;
- Иҷрои софдилона, дуруст ва саривақтии уҳдадориҳои худ;

- Таъмини фаъолияти кормандон мувофиқи дастурамалҳои вазифавӣ ва назорати риояи онҳо;
- Риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат, қоидаҳои беҳатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва моликияти Шуъба;
- Сардори Шуъба барои ба ҳар корманд расонидани ҳадафи стратегии рушди Донишгоҳ, нақшаи чорабиниҳо ва сиёсати Ҳукумати ҶТ, ки ба
- баланд бардоштани сифати кори илмӣ оид ба тиб таалluқ дорад, масъул аст.

## 7. Муқаррароти ниҳоӣ

- Низомнаи мазкур аз рӯзи тасдиқ шуданаш эътибор пайдо мекунад;
- Низомномаи мазкур ба ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Донишгоҳ таалluқ дорад;
- Назорати иҷрои Низомномаи мазкур ба сардори Шуъба вогузор мешавад.

## 8. Варақаи мувофиқа

| № | Вазифа | Н.Н. | Санаи мувофиқат | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбия | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хохагидорӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Сардори Хадамоти ректор | Носирӣ Қ.Н. | | |
| 7. | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода С.М. | | |
| 8. | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Х.Р. | | |
| 9. | Сардори шуъбаи назорати хуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | | |
| | | | | |

## 9. ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ТАҒЙИРОТҲО

| Т.Р. | Асос барои ворид кардани тағйиротҳо | Рақами саҳифа | Муҳтавои мухтасари тағйирот | Санаи воридкунӣ | Н.Н., имзои воридкунандаи тағйирот |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

| | |
|---|---|
| | ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН |
| | МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО» |

# 10. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифа | Н.Н. | Сана | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Сардори шуъбаи илм ва инноватсия | Ҷамолова Р.Ҷ. | | |
| 2. | Мутахассиси пешбар | Холматов П.К. | | |
| 3. | Мутахассиси пешбар | Салимов Ҷ.С. | | |
| 4. | Мутахассис | Мавлонова С.Н. | | |
| 5. | Мутахассис | Умарова З.Д. | | |
| 6. | Мутахассис | Кабиров Ҷ.Н. | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |